# Хадича бинти Хувайлид

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

www.tajislam.com

2010 - 1431

islamhouse.com

# أم المؤمنين خديجة بنت خويلد

« باللغة الطاجيكية »

www.tajislam.com

2010 - 1431

islamhouse.com

## Хадича бинти Хувайлид

Бошарафтарин зани асри хеш Хадича бинти Хувайлид дар оилаи миёнаҳол дар Маккаи Мукаррама таввалуд ёфтааст. Номи падараш Хувайлид ибни Асад ва номи модараш Фотима бинти Зоида будааст. Пеш аз биъсати набавӣ мулаққаб ба Тоҳира буд.

Ҳазрати Хадича дар замони ҷоҳилият зани поку шарифа буда дар байни мардум ба некӣ ёдовар мешуд. Ӯ (р.з) аз зумраи тоҷирони машҳур ба шумор рафта дар молаш савдогарони зиёде тиҷорат кардаанд. Паёмбар (с) аз ҷумлаи он савдогароне буданд, ки бо пешниҳоди ҳазрати Хадича бо ҳамроҳии ғуломаш Майсара ба бозори Бусро рафта бо фоидаи зиёде ба Макка бозгаштанд. Майсара аз рафтори содиқонаи Пайёмбар (с) ва он ҳодисаҳои бузурги дар роҳ руҳдода ангушти ҳайрат газида ҳамаи он ҳодисаҳоро ба ҳазрати Хадича қисса кард.

Ҳазрати Хадича (р.з) пеш аз Расули Худо (с) ду шавҳар карда буд, ки яке Атиқ ибни Оиз ва дигар Абиҳона ибни Зарора буданд. Дар сини 40- солагӣ баъди шунидани суханони ғуломаш Майсара дар мадҳи Набӣ (с), майлаш ба Расули Худо зиёда гашта қасди зивоҷи Ӯро кард.

Ҳамин тавр 15-сол пеш аз биъсаи набавӣ дар синни 25 солагӣ Расули Худо бо Ӯ хонадор шуд. Ҳазрати Хадиҷа бо Пайёмбар (с) 25 сол зиндагӣ карда соҳиби ду писар- Қосим ва Абдуллоҳ ва чаҳор духтар Зайнаб, Руқая,Умми Кулсум ва Фотима гашт. Писаронаш дере нагузашта аз дунё гузаштанд.

Ҳазрати Хадиҷа мисоли бузурге барои зану модари солиҳаю муъмина буд. Дар ҳолатҳои вазнини даъват дар паҳлуи Пайёмбар (с) устувор истода ба ӯ мегуфт: Мужда бидеҳ эй писари амак ва собит бош! Пас қасам ба он зоте, ки нафси Хадиҷа дар дасти ӯст, умед дорам, ки набии ин умат мешавӣ. Ӯ аввалин нафаре буд, ки ба Расули Худо имон оварда он овардаҳои Расул (с)-ро тасдиқ кард. Ҳар вақто борони заҷру маломату бар сари Паёмбар (с) зиёда мегашт, ҳазрати Хадиҷа ӯро тасаллӣ дода вазнинҳои даъватро аз душӣ Ӯ бартараф месохт.

Рӯзе ҳазрати Ҷибрил назди Пайёмбар (с) омада ба Ӯ гуфт: Ин Хадиҷа аст, ки дар даст табақе омада истодааст ва чун наздат расад аз Парвардигораш ва аз ман бар Ӯ салом бирасон ва мужда бидеҳ, ки барояш хонае дар Биҳишт аст!

Ҳамчунин Паёмбар (с) гуфт: "Хадиҷа бинти Хувайлид беҳтарин занони замонааш аст".

Ҳазрати Хадичa баъд аз хидматҳои зиёде дар майдони даъват дар синни 65 солагӣ аз дунё гузашта дар Макка дафн шуд.

Баъд аз сари Ӯ (р.з) ва амакаш Абӯтолиб машақатҳои зиёде бар сари Расули Худо омад, ки он солро бо соли ҳузн номгузорӣ кард.

Эҳтироми Расули Худо барои ҳамсараш Хадича (р.з) натанҳо дар зиндагиаш буд, балки баъд аз вафоташ низ Ӯро бо ёддошоти шоистаю дуоҳои нек ёдоварӣ мекард. Дар ҳар қурбонӣ ҳиссаи дугонаҳои ҳазрати Хадичаро ҷудо карда ба онҳо мефиристод.

Худованд аз Ӯ ва аз соири модарони муъминин розӣ бошад!